**СУРАТМАҶЛИСИ**

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-066-и назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз «31» майи соли 2025** **ш. Душанбе**

**Раиси шӯро**: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Аз 16 нафар аъзои шуро дар маҷлис 14 нафар ҳузур доранд, ки онҳо 2 нафарашон докторони илм аз руйи диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шуро ҳузур доранд, бинобар ҳамин шуро салоҳият дорад, ки кори худро оғоз намояд. Мутахассисон аз руйи ихтисоси диссертатсияии баррасишаванда ҳузур доранд:

1. Бобоева С.Б.
2. Қурбонов А.Ш.
3. Маҳмадизода Н.М.
4. Амонов Н.Қ
5. Раҷабзода Н.М.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шуро кушода эълон карда шавад.Пешниҳоди дигар нест? Нест? Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ҳимояи диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи “Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ. Диссертатсия дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Раҷабзода Насим Мирзохудои** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Рустамов Шавкат Шухратович** - доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бухорои Ҷумҳури Узбекистон.

**Латифзода Сомон Зариф** - доктори фалсафа Phd аз рӯйи ихтисоси психология,мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Донишкадаи такмили ихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Раиси Шуро:** Касоне, ки ҷонибдори тасдиқи рӯзномаи ҷаласа бошанд, хоҳиш мекунам, овоз диҳанд.Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Ки тарафдори ҳамин рӯзнома ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Муқобил –нест. Бетараф -нест. Бо тарафдории ҳама тасдиқ карда шуд.

Ҳоло сухан барои пешниҳод намудани маълумотномаи мухтасар дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи докторант ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ номзади илмҳои психологӣ, дотсент **Сафарова Зарринa Раҷабовна** дода мешавад.

**Сафарова З.Р.:** Маълумотномаи Сахиёр Раҳимуллоҳро қироат мекунад.

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест? Ташаккур. Сухан ба диссертант барои маъруза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад. Тибқи муқаррарот барои диссертатсияи номзадӣ то 20 дақиқа вақт дода мешавад.

**Сахиёр Раҳиммулоҳ.:** -Баромад мекунад

**Раиси Шуро:** Ба диссертант кӣ савол дорад? Марҳамат,аъзои шурои диссертатсионӣ:

**Сахиёр Раҳиммулоҳ.:** -Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

**Раиси Шуро:** Боз кӣ савол дорад? Савол нест. Кифоя.

**Раис:** Сухан ба роҳбари илмии диссертант, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Раҷабзода Насим Мирзохудоӣ  дода мешавад.

**Раҷабзода Н.М.: -** Роҳбари илмӣ тақризро мехонад(тақриз замима мегардад).

**Раиси Шуро:**Ташаккур!

**Раиси Шуро:** Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи муассиса, тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои воридшуда ба автореферати диссертатсия навишташуда, ба шуро ворид шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмӣ ҳуҷҷатҳои зеринро мехонад:

1. Хулосаи муассисаи (замима мегардад).

2.Тақризи муассисаи пешбар(замима мегардад)

3.Тақризҳои воридшуда ба автореферати диссертатсия (замима мегардад)

**Раиси Шуро:** Ташакур! Сухан ба унвонҷӯ **Сахиёр Раҳимуллоҳ** барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

**Сахиёр Раҳимуллоҳ: -** Ба эродҳои дар тақризи муассисаи пешбар ва ба эродҳои дар тақриз ба автореферати диссертатсия гирифташуда, ҷавоб мегардонад.

**Раиси Шуро:** Ташаккур! Сухан ба муқаррizи расмии якум, доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психология Донишгоҳи давлатии Бухорои Ҷумҳури Ӯзбекистон **Рустамов Шавкат шухратович** дода мешавад. Бинобар сабаби узрнок иштирок карда натавонистани муқаррizи расмии якум, тақризи навишташуда аз ҷониби котиби илмӣ Сафарова З.Р. қироат карда мешавад

**Сафарова З.Р.:** - Тақризро қироат мекунад(тақриз замима карда мешавад).

**Раиси Шуро :** Сухан ба унвончӯ ҷиҳати ҷавоб гардонидан ба эродҳои тақризи муқарризи расмии якум дода мешавад.

**Сахиёр Раҳимуллоҳ:** - Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раиси Шуро:** Сухан ба муқарризи расмии дуюм, доктори фалсафа Phd аз рӯйи ихтисоси психология,мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Донишкадаи такмили ихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи милии Тоҷикистон **-Латифзода Сомон Зариф** дода мешавад.

**Латифзода С.З.:** - (баромад мекунад).

**Раис:** Сухан ба диссертант, ҷиҳати ҷавоб гардонидан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Сахиёр Раҳимуллоҳ:** - Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раиси Шуро:** Ташаккур! Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ ба бахши мубоҳиса мегузарем. Тибқи муқаррасот на кам аз 2 нафар мутахассисони самти илмии ҳимояшаванда бояд баромад кунанд. Кӣ мехоҳад, ки ба ҳайси муқарриҳи ғайрирасмӣ сухан кунад? Марҳамат сухан ба доктори илмҳои психологӣ, дотсент Бобоева С.Б. дода мешавад. Баромад намуданд: Амонов Н.Қ, Зайтметов Х.А.

**Раис:** Кӣ хоҳиши иштирок кардан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад? Хоҳишманд нест? Сухан ба диссертант ҷиҳати ҷавоб гардонидан ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва инчунин, сухани хотимавӣ дода мешавад.

**Сахиёр Раҳимуллоҳ.** - Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад ва ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

**Раиси Шуро:** Саломат бошед. Аъзои муҳтарами шуро! Ба бахши овоздиҳии пинҳонӣ шуруъ мекунем. Барои ин зарур аст, ки комиссияи ҳисобро дар ҳайати 3-нафар интихоб кунем.

Пешниҳод шудааст, ки доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш., номзади илмҳои психологӣ, дотсент Шарипова М.Ё ва номзади илмҳои психологӣ Абдурашидов Н.Ф ба ҳайати комиссияи ҳисоб ворид карда шаванд. Касе тарафдори он бошад, ки шахсони пешниҳодшуда ба ҳайати комиссияи ҳисоб ворид карда шаванд, хоҳиш мекунам, овоз диҳад. Зид-нест. Бетараф –нест. Якдилона қабул карда шуд

**Раиси Шуро:**Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ!барои қироати натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ сухан ба раиси комиссияи ҳисоб д.и.ҳ, профессор Шарипов Т.Ш. ҷиҳати баёни натиҷаи овоздиҳӣ дода мешавад.

**Зокиров Г.Н.:** Муҳтарам Раиси Шуро, муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, иҷозат диҳед шуморо бо протоколи № 1-и маҷлиси комиссияи ҳисоб , ки шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-066 аз 31 уми майии соли 2025 интихоб намудааст, шинос намоям( протоколи комиссияи ҳисобро мехонад).

**Раиси Шуро:** Ташаккур! Касе ҷонибдори он бошад, ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, хоҳиш мекунам, ки овоз диҳад. Муқобил, бетараф – нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Акнун ба баррасии лоиҳаи хулосаи шурои диссертатсионӣ шуруъмекунем. Лоиҳаи хулосаи шурои диссертатсионӣ дар назди шумо ҳаст. Чи хел пешниҳодҳо ҳастанд? ҳамчун асос қабул карда шавад.

**Аъзои Шуро:** Бо назардошти пешниҳод ва иловаҳо ҳамчун асос қабул карда шавад.

**Раиси Шуро:** Касоне ки ҷонибдори ҳамчун асос қабул гардидани лоиҳаи хулосаи шурои диссертатсионии **6D.КОА–066-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** оид ба диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ бошанд, хоҳиш мекунам, овоз диҳанд.

Муқобил ва бетараф – нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ. Акнун мегузарем ба қабули қарори маҷлиси шурои диссертатсионӣ.

Акнун иҷозат диҳед қарори шурои диссертатсиониро доир ба ҳимояи диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ қироат намоям.

**ҚАРОРИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–066-и назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз «31» майи соли 2025 ш. Душанбе**

Суханронии Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзӯи "Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ, тақризи муассисаи пешбар– Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, суханронии муқарризони расмӣ: доктори илмҳои психологӣ, профессор Рустамов Ш.Ш., доктори фалсафа Phd,аз рӯйи ихтисоси, Латифзода С.З. инчунин, муқарризони ғайрирасмӣ: доктори илмҳои психологӣ, дотсент С.Б.Бобоева, номзади илмҳои психологӣ Х.А. Зайтметов ва номзади илмҳои психологӣ Н.Қ. Амоновро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Сахиёр Раҳимуллоҳ

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи дар мавзуи "Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305– Психологияи иҷтимоӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35 –и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи чопнамудаи довталаби дарачаи илмӣ мазмуну мундаричаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Сахиёр Раҳимуллоҳ дарачаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305- Психологияи ичтимоӣ дода шавад.
4. Барои додани дипломӣ дарачаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305– Психологияи ичтимоӣ ба Сахиёр Раҳимуллоҳ аз Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеъи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор13 нафар. Муқобил___нест, бетараф___нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шуро:** Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори шурои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Муқобил, бетараф нестанд?. Якдилона қабул мешавад.

**Раиси Шуро:** Ичозат диҳед диссертантро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик ва аъзои шуроро барои фаъолияти бобарор ташаккур гӯям. Бо ҳамин чаласаи Шуро пӯшида эълон карда мешавад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Н.М. Юнусова**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои психологӣ, дотсент** **З.Р.Сафарова**

31.05.2025